# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ҚАРОРИ
## РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

аз «09» декабря соли 2024, № 813

Дар бораи додани иҷозат барои сохтмони бинои истиқоматии баландошёна

Мутобиқи моддаҳои 19, 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 17 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи $82^6$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» бо инобати қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 17 апрели соли 2023, №203

**ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лутф Сохтмон» барои сохтмони биноҳои истиқоматии бисёр баландошёна блокҳои В 18 (ҳаждаҳ) ва Г 19 (нуздаҳ) ошёна бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаҳои аввал ва блоки Д 2–ошёнаи ҳамроҳчаспонидасохташаванда ва таваққуфгоҳи наклиётии автомобилӣ дар таҳхонаи онҳо, дар заминаи биноҳои бартарафшавандаи пастошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаҳои Нарзиқулов №№3, 5, Академик Раҷабовҳо 11 ва Истаравшан 4, 6 ва 8, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, дар қитъаи замини масоҳати умумии 19240 (нуздаҳ ҳазору дусаду чил) метри мураббаъ, тибқи лоиҳаи тасдиқшуда, иҷозат дода шавад.

2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лутф Сохтмон» ба сохтмони иншоот пас аз дастрас намудани иҷозати Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе оид ба оғози корҳои сохтмонӣ шурӯъ намуда, баъди анҷоми сохтмон иншоотро барои мавриди истифодабарӣ қарор додан ба комиссияи давлатии қабул пешниҳод намояд.

3. Пардохти дурусти маблағҳо ҳангоми қабули он дар санади комиссияи давлатии қабули иншоот, дар асоси шиносномаи техникии аз ҷониби Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳиягардида муайян карда шуда, дар сурати кам ва ё зиёд шудани масоҳати умумии биноҳо маблағи пардохти ҳатмӣ ва ҳисоббаробаркунӣ тибқи санади муқоисавӣ гузаронида шавад.

4. Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе ба ҳуҷҷатҳои кадастри замин тағйироти дахлдор ворид намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе - сарпарасти соҳа гузошта шавад.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ДАСТГОҲИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ *
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ, МУРОҶИАТ ВА ҚАБУЛИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ

Рустами Эмомалӣ

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ҚАРОРИ
## РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

аз «18» июли соли 2024, № 461

Дар бораи додани иҷозат барои сохтмони биноҳои истиқоматии бисёр баландошёна

Бо инобати қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 17 апрели соли 2023, №203 ва мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 17 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи $82^6$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»

### ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лутф Сохтмон» барои сохтмони биноҳои истиқоматии бисёр баландошёна блокҳои А 18 (ҳаждаҳ) ва Б 19 (нуздаҳ) ошёна бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаҳои аввал ва таваққуфгоҳи нақлиётии автомобилӣ дар таххонаи онҳо, дар заминаи биноҳои бартарафшавандаи пастошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаҳои Нарзиқулов №№3, 5, Академик Раҷабовҳо 11 ва Истаравшан 4, 6 ва 8, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, дар қитъаи замини масоҳати умумии 19240 (нуздаҳ ҳазору дусаду чил) гектар, тибқи лоиҳаи тасдиқшуда, иҷозат дода шавад.
2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лутф Сохтмон» ба сохтмони иншоот пас аз дастрас намудани иҷозати Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе оид ба оғози корҳои сохтмонӣ шурӯъ намуда, баъди анҷоми сохтмон иншоотро барои мавриди истифодабарӣ қарор додан ба комиссияи давлатии қабул пешниҳод намояд.
3. Пардохти дурусти маблағҳо ҳангоми қабули он дар санади комиссияи давлатии қабули иншоот, дар асоси шиносномаи техникии аз ҷониби Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳиягардида муайян карда шуда, дар сурати кам ва ё зиёд шудани масоҳати умумии биноҳо маблағи пардохти ҳатмӣ ва ҳисоббаробаркунӣ тибқи санади муқоисавӣ гузаронида шавад.
4. Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе ба ҳуҷҷатҳои кадастри замин тағйироти дахлдор ворид намояд.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе, сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Рустами Эмомалӣ